# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст.

*Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.* Мавзуъ ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба самтҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ мебошанд: ба *банди 1.* Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ, корҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ; ба *банди 6.* Консепсияи таҳсилот (сифати таҳсилот ва арзёбии он, равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот); *ба банди 7.* Педагогикаи амалӣ (ҷамъбасткунии таҷрибаи пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ).

*Мубрам будани мавзуи диссертатсия.* Вобаста ба дигаргуниҳои дар ҷомеаи ҷаҳонӣ баамалоянда, рушди соҳаи маориф ва илму техника таълими калонсолон беш аз пеш аҳамияти муҳими бунёдӣ ва амалӣ пайдо мекунад ва нақши таҳсилоти калонсолон дар оғози садаи навин дар саросари кишварҳои ҷаҳон нисбати таълиму тарбия ва дарки амиқи равандҳои инноватсионӣ муҳим арзёбӣ мегардад, ки ин мубрамияти мавзуи таҳқиқотии довталаб Сафарзода Мунир Ватанро нишон медиҳад.

Тавре довталаб қайд кардааст, ислоҳоти ҷомеа ва низоми маориф ҳамчун ҷузъи пешбарандаи он, пеш аз ҳама, сифати нави фаъолияти педагогӣ ва тағйир додани шуури шахсонеро, ки ба ислоҳоти маориф нигоҳи тоза доранд, тақозо мекунад ва гузариш аз таълими анъанавӣ ба низоми ба толибилм нигаронидашуда бидуни омӯзгори фаъол ва эҷодкор, ки афзалиятҳои фаъолияти касбӣ ва рушди худро мустақилона муайян карда тавонад, ғайриимкон аст, ки ҳақ бар ҷониби ӯст.

Таҳлилҳо ва хулосаҳои аз ҷониби муҳаққиқ баровардашуда гувоҳи онанд, ки таҳлили таҷрибаи оммавӣ ва пешқадами такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф, инчунин, таҳқиқоти назариявӣ оид ба ин масъала, ки дар низоми такмили ихтисоси муаллимон дигаргуниҳои ба назар намоён дар мақсад, мазмун, усул ва шаклҳои раванди такмили ихтисос тағйир меёбанд, ба амал меоянд. Дар ин ҷода муҳаққиқон бо дарназардошти зарурати ба вуҷуд овардани шаклу усулҳои нави таълими

калонсолон фаъолияти низоми такмили ихтисоси кормандони соҳаи маорифро дар иртибот бо рушди андрагогика нишон дода, роҳу усулҳои нави ҳалли ин масъаларо пешниҳод кардаанд.

Вобаста ба он ки таърихи таълимоти инсон омӯзишро ҳамчун занҷири пайваста ва муттасил нишон медиҳад, зарур аст ки омӯзиши калонсолон дар асоси ба назар гирифтани синну сол, ҷиҳатҳои психологию иҷтимоӣ, миллӣ ва дигар хусусиятҳои онҳо ба назар гирифта шавад.

Азбаски ҳайати кадрҳои корхонаю муассисаҳо аксаран одамони калонсол мебошанд, омӯзиш бояд бо назардошти синну сол, ҷанбаҳои иҷтимоию психологӣ, миллӣ ва дигар хусусиятҳои онҳо ба роҳ монда шавад. Муҳаққиқ дуруст қайд кардааст, ки андрагогика ҳамчун як қисми илми педагогикаи муосир ба ин мақсад нигаронида шуда, масъалаҳои назариявию амалии таълим, омӯзиш ва тарбияи насли калонсолро дар тӯли тамоми умр дар бар мегирад. Ба маънои васеъ андрагогикаро ҳамчун илми худшиносии шахсии инсон дар тамоми умр фаҳмидан мумкин аст. Одатан, қисме аз одамон дар синни ҷавонӣ дониши васеъ гирифта, қисмати дигар тадриҷан, давра ба давра  дар давоми умри худ дониш, таҷриба, малака ва салоҳият ба даст меоранд. Андрагогика ба рушди шахсият мусоидат карда, барои пайдо кардани мавқеи вай дар ҳаѐт, дарк намудани дониш ва иттилооти зеҳнӣ-маърифатӣ ѐрӣ мерасонад.

Дар диссертатсия масъалаи ҳамчун майдони бархӯрди манфиатҳои илмӣ нигаронида шудани соҳаи донишазхудкунии калонсолон, ҳамчун роҳнамоии калонсолон будани вазифаҳои андрагогика ва роҳкушоянда будани он барои рушди ҳамаҷонибаи маърифатӣ-зеҳнии онҳо ба таври муфассал шарҳ дода шудааст. Тавре маълум аст, дар нимаи дуюми асри XX дар соҳаи таълими калонсолон ҳамчун талаботи нави таҳсилот ташаккул ѐфта, илми нав – андрагогикаро ба миѐн овард, ки имрӯз босуръат рушду нумӯъ дорад. Аз ин хотир, асосҳои андрагогӣ ва усулҳои технологии таълими калонсолон дар марҳилаи таҳаввул ва ташаккул қарор дошта, ба тамоми соҳаи маориф накши мусбии худро мегузорад.

Дар диссертатсия аз ҷониби муҳаққиқ қайд гардидааст, ки андрагогика ҳамчун низоми ҳамоҳангшудаи илмӣ мақоми ниҳоии худро ҳамчун яке аз илмҳои мустақили таълимӣ ҳанӯз ба пуррагӣ касб накардааст ва асосҳои назариявӣ ва илмӣ-методологии он натанҳо дар ҷумҳурии мо, балки дар кишварҳои хориҷ низ ҳануз мавриди омӯзиш ва таҳқиқи васеъ қарор наѐфтааст. Ба тасдиқи ин гуфтаҳо бояд қайд намоем, ки гузориши мантиқии масъала ва таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаи илмӣ-назариявии таълими калонсолон мубрам буда, мавзуи диссертатсияи довталаб муҳим арзѐбӣ мегардад.

*Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:*

Сафарзода Мунир Ватан дар диссертатсия вазифаҳо ва фарзияҳои илмии худро тасдиқ карда, тамоми ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъалаҳои таҳқиқшавандаро фаро гирифтааст. Корҳои аз ҷониби муҳаққиқ анҷомдодашуда ва натиҷаҳои таҳқиқотию озмоишии дар диссертатсия бадастовардаи муаллиф исбот месозанд, ки довталаб ба мақсадҳои дар назди худ гузошта ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда ноил гаштааст. Ҳамаи фарзияҳои пешниҳоднамудаи муҳаққиқ дар диссертатсия тасдиқи худро ёфтаанд, ки ин натиҷаи заҳмати зиёд ба харҷ додани муҳаққиқ мебошад.

Таҳлил ва баррасии назарияҳои илман асосёфтаи мутахассисони соҳаи андрагогика ва таълими калонсолон, инчунин вазъи кунунии таълиму тарбия дар самти омӯзиши калонсолон навгонии илмии таҳқиқотро ба вуҷуд овардаанд. Муҳаққиқ бо бурдани корҳои таҳқиқотӣ, таҳияи хулосаҳо оид ба корҳои анҷомдодашуда ва тавсияҳои методии пешниҳоднамудаи худ чунин навгониҳои таълимро баррасӣ менамояд:

- кори диссертатсионии мазкур аввалин таҳқиқоти проблемаи асосҳои андрагогии таълим дар заминаи назарияи андрагогикаи муосир ва таълими калонсолон дар низоми соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва натиҷаҳои таҳқиқотро барои рушди минбаъдаи таҳқиқот дар соҳаи таълими калонсолон истифода бурдан мумкин аст;

- аз ҷониби муҳаққиқ давраҳои рушди таълими андрагогии калонсолон муайян карда шуда, сохтори хронологии он таҳия гардидааст;

- заминаи назариявӣ бобати ташкили амалии таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи таҳсилоти ғайрирасмӣ ва андрагогика муайян карда шудааст;

- механизми омода кардани ҳайати кории илмӣ ва таълимӣ дар низоми такмили ихтисос ва азнавтайёркунии ҳайати педагогӣ коркард карда шудааст;

- довталаб амсилаҳои фаъолияти дастурдиҳандаи андрагогро асоснок карда, малакаҳои асосӣ, дониш, сифат, салоҳиятмандии педагогии андрагогро муайян кардааст, ки ин усули фаъолияти андрагог аз салоҳияти анъанавии омӯзгор-педагог фарқ мекунад;

- аз ҷониби муҳаққиқ дар асоси ғояҳои бунёдӣ (назариявӣ) ва хулосаҳое, ки дар шакли таҷриба санҷида шудааст, монография, дастурҳои таълимӣ-методӣ, барномаҳои курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, мақола ва фишурдаҳои илмӣ таҳия гардидаанд;

- методология, назария ва самтҳое, ки нақши таҳсилоти ғайрирасмиро дар низоми такмили ихтисос тавсиф мекунанд, муайян карда шудаанд;

- дар асоси таҳқиқоти илмии ватанӣ ва хориҷӣ консепсияҳои назариявии фазои консептуалии таълими ғайрирасмии кадрҳои педагогӣ мураттаб карда шудаанд.

Қобили қайд аст, ки дар асоси навгониҳои илмии диссетратсия, ақидаю назарияҳои бунёдӣ ва хулосаҳое, ки дар шакли озмоишу таҷриба санҷида шудааст, монография, дастурҳои таълимӣ-методӣ, барномаҳои курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, мақола ва фишурдаҳои илмӣ таҳия гардидааст, ки онҳоро дар амалияи педагогӣ ба таври васеъ истифода бурдан мумкин аст.

Инчунин, дар корҳои таҳқиқотӣ-озмоишӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсияи довталаб масъалаҳои ташаккули малакаю маҳорат ва сифати андрагог-омӯзгор ҳаллу фасли худро ёфтаанд, ки аз масъалаҳои зерин иборатанд:

- қайд гардидааст, ки сохтори хронологии андрагогика ҳамчун илм дар бораи таҳсили калонсолон, ки дар байни илмҳои марбут ба таълим нисбатан нав аст, ба ҳадафҳои таълиму тарбияи калонсолон нигаронида шудааст;

- давраҳои ташаккули андрагогика ҳамчун илми мустақил, моҳият, фарқият ва умумияти илмҳои мухталиф дар бораи инсон (фалсафа, ҷомеашиносӣ, психология) ва маориф (педагогика, иқтисод, фалсафаи таълим, сотсиологияи таълим) муайян карда шудааст;

- тавсифи ҳафт мавқеи андрагогика дода шудааст:

- ✓ хонандагони калонсол ба мустақилият, худидоракунӣ мекӯшанд ва худро ҳамчун шахси мустақил эътироф мекунанд;
- ✓ хонандагон таҷрибаи ҳаётӣ доранд, ки он ҳамчун манбаи муҳими дар раванди таълим таълим истифода мешавад;
- ✓ хонандагон барои ҳалли мушкилоти муҳими ҳаётӣ омӯзонида мешаванд;
- ✓ онҳо ба истифодаи мустақими малакаҳо, донишҳо ва сифатҳои ҳосилшуда такя мекунанд;
- ✓ фаъолияти таълимӣ тавассути омилҳои муваққатӣ, фазоӣ, дохилӣ, касбӣ ва иҷтимоӣ роҳандозӣ мегардад;
- ✓ калонсолон дар раванди таълим нақши роҳбарикунанда доранд;
- ✓ раванди таълим дар шакли фаъолияти муштараки хонандагон ва педагогҳо дар ҳама марҳилаҳои омӯзиш таъмин мегардад.

- амсилаи таълими андрагогӣ маҷмӯи низомҳои қонунгузории асосиро намояндагӣ мекунад, ки ташкили фаъолияти омӯзандаи калонсол ва мураббиро барои ҷорӣ намудани таълим, ки аз рӯи панҷ хосиятҳои асосӣ гурӯҳбандӣ шудааст, танзим менамояд:

- ✓ ба назар гирифтани худогоҳии хонанда;
- ✓ такя намудан ба таҷрибаи хонанда;
- ✓ ҷиҳати ҳавасмандӣ ва ҳадафҳои таълими хонандаи калонсол;
- ✓ дар амал истифода бурдани донишҳои азхудкардаи хонанда;
- ✓ ташаккули малакаҳо ва сифатҳои хонанда;
- ✓ иштироки фаъолона дар ташкили раванди таълим.

Тавре муҳаққиқ қайд кардааст, ин амсила аз амсилаи педагогии таълим фарқиятҳои худро дорад.

- аз нигоҳи муҳаққиқ амсила ба принсипҳои асосии андрагогии таълим ба афзалияти фаъолияти мустақилонаи калонсолон, фаъолияти муштараки онҳо ва педагог, вобастагӣ аз таҷрибаи хонанда, фардикунонӣ, низомӣ, контекстуалӣ, интихобӣ, воқифии маърифатӣ, таҷдиди натиҷаҳои омӯзиш, рушди эҳтиѐҷоти таълимӣ асос ѐфтааст;

- методологияи таълими калонсолон низоми аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи амалҳои хонандагони калонсол ва педагогҳо мебошад, ки барои ноил шудан ба мақсадҳои таълимӣ кӯмак мерасонад. Он дар амалия аз ҷониби хонандагони калонсол ва педагогҳо (андрагогҳо) дар шакли амалиѐти муайян, амалҳо ва вазифаҳои техникӣ дар ҳар яке аз шаш марҳилаи ҷараѐни таълим иҷро карда мешавад: ташхис; банақшагирӣ; фароҳам овардани шароит; татбиқсозӣ; баҳодиҳӣ ва ислоҳи раванди таълим. Аз нигоҳи муаллифи диссертатсия ин низоми амалҳо ва вазифаҳои хонандагону педагогҳо бо амсилаи педагогии таълими анъанавӣ фарқ мекунад.

- амсилаҳои фаъолияти дастурдиҳандаи андрагог, малакаҳои асосӣ, дониш, сифат, тамоюлоти арзиши педагогии ӯ нақши муҳим доранд;

- технологияи омодасозии педагог-андрагоги салоҳиятнок, ки ба коркарди механизми баландбардории малакаҳо, дониш ва сифатҳои касбии омӯзгорон мусоидат менамояд муҳим арзѐбӣ мегарданд.

Масъалаҳои таҳлилу баррасигардида ва нуктаҳои илмии аз ҷониби довталаб ба ҳимоя пешниҳодгардида моҳият, мундариҷа ва мӯҳтавои кори диссертатсиониро инъикос намуда, натиҷаҳои бадастомадаро тасдиқ ва баррасӣ мекунанд.

*Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:*

Муаллифи диссертатсия дар асоси таҳқиқ ва омӯзиши сарчашмаҳо ва адабиѐтҳои илмии соҳаи методика, педагогика ва психология амалӣ намуда, моҳияти онҳоро дар самти андрагогика ва механизми амалигардонии он дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ зимни

ба роҳ мондани корҳои таҷрибавию озмоишӣ асоснок ва баррасӣ намудааст.

Вобаста ба корҳои дар умум анҷомдодаи муҳаққиқ, пешниҳоди тавсия ва пешниҳодҳои ӯ арзиши таҳқиқоти диссертатсионии довталабро муайян кардан мумкин аст, ки ӯ дар ин замина:

- шарҳу тавзеҳи масъалаи ташаккули малакаҳои андрагогӣ ва механизми амалигардонии он дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогиро анҷом додааст;

- тавсифи технологияи амалигардонии андрагогика дар низоми такмили тахассусро дода, хусусиятҳои таҳияи онро нишон додааст;

- муқаррароти ибтидоии муносибатҳои методологӣ ба таълими калонсолонро муайян кардааст;

- дастгоҳи консептуалии андрагогика ва муқаррароти асосии технологияи таълими калонсолонро таҳия намудааст;

- таҳлили фаъолияти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷиро оид ба талаботи асосӣ ба салоҳияти андрагог ва мундариҷаи таълими устоди андрагог анҷом дода, барои исботи андешаҳои худ тавсияву пешниҳоди хеле арзишмандро ироа намудааст.

Таҳлили манбаҳои гуногуни иттилоотӣ, методӣ, педагогӣ, психологӣ, методологияи илмӣ, истифодаи моҳиронаи методҳои таҳқиқотӣ ба довталаб имкон додааст, ки ӯ ҳадафи таҳқиқот, вазифаҳо, предмет ва мантиқи таҳқиқотро хеле моҳирона баррасӣ намояд. Корҳои анҷомдодаи ӯ арзиши баланди илмӣ ва амалӣ доранд. Сафарзода Мунир Ватан натиҷаҳои таҳқиқот ва озмоишҳои анҷомдодаи худро дар расонаҳои зиёди соҳавӣ, дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ омода ва пешниҳод кардааст, ки дурустиву эътимоднокии навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодкардаи муаллифро ба таври равшан исбот месозад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти довталабро асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои асосӣ, хулоса ва муқаррароти таҳқиқоти озмоишии зерин таъмин менамоянд:

- асосноксозии назариявӣ ва методологии ғояҳо ва пешниҳодҳо;

- истифодаи низоми муносибатҳои методологӣ оид ба рушди назарияи таълими ғайрирасмӣ;

- истифодаи маҷмӯи усулҳои иловагии таҳқиқотии мувофиқ ба ҳадаф, гипотеза, вазифа ва роҳҳои ҳалли мушкилот;

- асоснокӣ ва заминаҳои озмоишии таҳқиқоти диисертатсионӣ;

- гуногунии усулҳо ва воситаҳои фаъолияти таҷрибавӣ;

- муқоисаи натиҷаҳо бо таҷрибаи васеи такмили ихтисос дар низоми таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ, маълумоте, ки дар таҳқиқоти қаблӣ ба даст омада буд;

- озмоиши васеъ ва татбиқи натиҷаҳои бадастомада дар амалияи педагогӣ дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон.

Муаллифи диссертатсия корҳои таҳқиқотӣ-озмоишии худро дар базаи филиалҳои Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар минтақаҳои Кулоб ва Бохтари вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва марказҳои таълими калонсолони вилояти Хатлон бо иштироки омӯзгорони фанҳои гуногун, роҳбарони хадамоти методӣ, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, андрагогҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фарогирии умумии зиѐда аз 1800 нафар пурсидашудагон гузаронидааст.

Сафарзода Мунир натиҷаи корҳои таҳқиқотӣ ва озмоишҳоро дар семинарҳои илмию амалӣ ва методии филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихстисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб, ҷаласаҳои кафедраи педагогика, психология ва методикаи таълими филиали мазкур ва дар конфронсҳои ҳамасолаи илмию амалии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ баррасӣ карда, мавриди муҳокима қарор додааст.

Муҳаққиқ тасдиқи мазмуну мӯҳтавои рисола ва натиҷаҳои таҳқиқотӣ-озмоишии худро дар семинару конференсияҳо, мизҳои мудаввар, семинарҳои омӯзишиву курсҳои сайѐр дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар минтақаи Кӯлоб баррасӣ кардааст.

*Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:*

Ҷараѐни бурдани корҳои озмоишӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба арзиши илмӣ, амалӣ ва навгонии илмии таҳқиқот вобаста мебошанд. Бо ин мақсад муҳаққиқ як қатор корҳои фарогири ҷанбаҳои гуногуни ташаккули фаъолияти андрагог-омӯзгорро ба анҷом расонидааст, ки аз масъалаҳои зерин иборатанд:

- мафҳуми таҳсилоти ғайрирасмӣ васеъ карда шудааст ва дар ин замина таҳаввулоти ғояҳо ошкор карда шудааст, ки баҳри татбиқи як қатор муносибатҳои методологӣ аз рӯйи консепсияи таҳсилоти калонсолон мусоидат намуда, имкон фароҳам меорад, то ҷанбаҳои гуногуни таҳсилоти ғайрирасмӣ муайян гардида, бо такя ба назарияи фалсафӣ ва антропологии

муоширaт ҳамчун як шакли фаъолияти коммуникатсионӣ дар раванди таълим баррасӣ гардад;

- ҳамоҳангсозии ҷанбаҳои назариявие, ки дар илми педагогика барои рушди муносибати андрагогӣ дар таълими калонсолон пешбинӣ шудааст, дар назарияи таҳсилоти ғайрирасмӣ пешниҳод кардааст;

- ба сифати методологияи калидӣ истифода шудани назарияи фалсафӣ ва антропологии муошират барои эҷоди ҷанбаҳои назариявии таҳсилоти ғайрирасмӣ асоснок гардида, тибқи он таҳсилоти ғайрирасмӣ фаъолияти коммуникатсионӣ муқаррар шудааст;

- ҷузъҳои таҳсилоти ғайрирасмӣ (робита, мақсад, мавзуи муошират, эҳтиёҷот ба муошират, ҳавасмандии коммуникативӣ, фаъолияти коммуникатсионӣ, вазифаҳои коммуникатсионӣ, воситаҳои алоқа, воситаҳои коммуникатсионӣ) ҳамчун фаъолияти коммуникатсионӣ муайян карда шудааст;

- таҷзияи се гурӯҳи принсипҳо (андрагогӣ, эвтагологӣ, принсипҳои таҳсилоти инноватсионии муттасил) муайян карда шудааст, ки он имкон медиҳад ҷанбаҳои методологии ташкилӣ ва ҳам дидактикии омӯзиш ҳамчун асос барои дониши нави назариявии таҳсилоти ғайрирасмӣ ба назар гирифта шавад;

- ҷузъҳои назарияи таълими ғайрирасмӣ ҳамчун фаъолияти коммуникатсионӣ дар заминаи антропологияи фалсафӣ баррасӣ карда шудааст;

- муносибатҳои методологӣ, қонуниятҳо, омилҳо, тамоюлҳо, самтҳо ва масъалаҳои марбут ба таълими ғайрирасмӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст;

- ҷанбаи дидактикии таълими ғайрирасмӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок гардида, таъсири он ба интихоби усулҳо, технологияҳо ва роҳҳои ташкили ҷараёни таълими педагогон нишон дода шудааст.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф, роҳу усулҳо ва технологияи коркарду санҷидашудаи таълими калонсолон метавонанд дар раванди ба роҳ мондани курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон, барои баланд бардоштани сатҳу сифати касбии онҳо дар миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд ва тавсияҳои методии таҳияшуда дар такмили раванди курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон дар таълими калонсолон-омӯзгорон мусоидат намоянд.

Дастовардҳои таҳқиқоти Сафарзода Мунир Ватанро мутахассисони соҳаи педагогика, психология ва методикаи таълим метавонанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва таваҷҷуҳ қарор дода, онҳоро дар раванди курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон истифода баранд.

*Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:*

Натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва натиҷаҳои асосии диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан дар конференсияҳои илмию амалӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳои методӣ ва илмӣ-амалӣ дар шаҳрҳои Кӯлоб, Душанбе ва Хуҷанд баргузоршуда баррасӣ шудаанд. Натиҷаҳое, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд, дар нашрияҳои илмии тақризшаванда, дар интишороти муаллиф, монографияҳо, васоит ва дастурҳои таълимию методӣ, мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи конференсияҳои илмии байналмилалӣ (РИНЦ) ва ҷумҳуриявӣ дар нашрияҳои шомили Пойгоҳи китобхонаи илмии электронии eLIBRARY.ru ба табъ расидаанд.

*Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:*

Кори диссертатсионии довталаб ба тартиби таҳия ва талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферат ҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия ба таври мухтасар мазмуну мӯҳтавои диссертатсияро инъикос мекунад.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисолҳо ва ҷадвалу диаграммаҳо таъмин шудааст, ки дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, асоснокии натиҷаҳо, хулоса, муқаррароти таҳқиқоти озмоишӣ ва тавсияҳоро муаррифӣ мекунанд.

Диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан бо забони содаю равон ва фаҳмои тоҷикӣ, тибқи муқаррароти Дастурамал навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, пайдарҳамии мантиқӣ ва мутасилии он ба пуррагӣ риоя гардидааст. Ҳар як боби диссертатсия дар алоҳидагӣ ва диссертатсия дар умум хулоса карда шудааст.

*Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:*

Дар баробари муваффақиятҳо ва дастовардҳое, ки дар боло қайд шуданд, диссертатсия ва автореферати довталаб баъзе камбудиҳо низ дорад, ки қайди онҳоро ҳамчун тавсия барои боз ҳам беҳтар гардидани сифати диссертатсия зарур мешуморем:

1. Дар диссертатсияи довталаб масъалаи таҳқиқи омӯзиши калонсолон дар доираи нисбатан маҳдуд сурат гирифтааст ва натиҷаҳои таҳқиқот на аз

ҳамаи филлиалҳои донишкадаҳои такмили ихтисоси минтақавии қаламрави ҷумҳурӣ нишон дода шудаанд.

2. Барои тақвият бахшидан ба касбияти кормандони муассисаҳои такмили ихтисоси омӯзгорон ва риояи талаботи таълими муосир намунаҳои ба роҳ мондани раванди таълим бо истифодаи методу усулҳои мушаххас мушоҳида нагардид. Ин масъала дар диссертатсия ба таври умумӣ баён гаштааст.

3. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ вуҷуд доранд, ки ислоҳи онҳо сифати корро боз ҳам хубтар мекунад.

Камбудиҳо ва норасогиҳои дар боло қайдгардида зинҳор арзиши диссертатсияро намекунанд ва танҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

## ХУЛОСАИ ҶАМЪБАСТӢ

Сафарзода Мунир Ватан ба мақсадҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштashуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ба пуррагӣ ҳаллу фасл кардааст. Фарзияҳои таҳқиқотии довталаб дар кори диссертатсионӣ тасдиқи худро ёфтаанд ва диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмию амалӣ анҷом дода шудааст.

Диссертатсияи Сафарзода Мунир Ватан дар мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дониста шавад.

Муқарризи расмӣ, доктори илмҳои педагогӣ,
доценти кафедраи педагогика ва психологияи
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода Ашурова Дилором

**Маълумот барои тамос:**
Шаҳри Душанбе, кӯчаи Мухаммадиев, 17; Тел.+992 907 52 12 52;
Почтаи электронӣ: ms.star58@mail.ru.

07.03.2024

*Имзои Ашӯрова Дилоромро тасдиқ мекунам.*

*Сардори РК ва КМ-и МДТ «ДБЗХТ*
*ба номи Сотим Улуғзода"* ________ *Юсупова Б.Ғ.*